## ТАҚРИЗИ

мушовири илмӣ ба таҳқиқоти диссертатсионии Саидзода Исроил Маҳмад дар мавзуи «Амсиласозии математикии марҳилаҳои ҳаёт ва таҳқиқи компютерии динамикаи солонаи популятсияи оилаи занбӯри асал» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои физикаю математика аз рӯйи ихтисоси 05.13.18 – Амсиласозии математикӣ, усулҳои ададӣ ва комплекси барномаҳо

Муаллифи диссертатсия Саидзода Исроил Маҳмад соли 2008 шуъбаи математикаи факултети механикаю математикаи Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон – ДМТ)-ро аз рӯи ихтисоси «Математика» хатм намудааст. Фаъолияти меҳнатии Саидзода (Саидов) И.М. соли 2008 ба ҳайси ассистенти кафедраи информатикаи ДМТ шурӯъ гардидааст. Аз соли 2013 то инҷониб таҳти роҳбарии ман ба пешбурди корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ машғул аст. Диссертатсияи номзадиашро соли 2018 дар мавзуи «Амсиласозии компютерии динамикаи популятсияи моҳиҳои экосистемаи обанбори пастоб» аз рӯйи ихтисоси 05.13.18 – Амсиласозии математикӣ, усулҳои ададӣ ва комплекси барномаҳо ҳимоя намуда, соҳиби дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ гардидааст.

Аз соли 2021 Саидзода И.М. дар мавзуи «Амсиласозии математикии марҳилаҳои ҳаёт ва таҳқиқи компютерии динамикаи солонаи популятсияи оилаи занбӯри асал» корҳои илмӣ-таҳқиқотии хешро пеш мебарад.

Барои иқлими Тоҷикистон соҳаи занбӯриасалпарварӣ яке аз шуғлҳои созгор, муфид, камхарҷ ва даромадноку муҳимми хоҷагидории аҳолии мамлакат ба ҳисоб меравад ва дар таъмини амнияти озуқавории кишвар нақши муассир дорад, зеро дар кишвари мо барои рушди соҳаи занбӯриасалпарварӣ пойгоҳи мувофиқ ва бузурги ғизои занбӯри асал мавҷуд аст. Хоҳиши одамон, хосса муҳаққиқони соҳаи занбӯриасалпарварӣ, барои бештар фаҳмидан ва донистани аҳаммият ва таъсири маҳсули кори занбӯри асал рӯз аз рӯз афзуда истодааст, зеро онҳо хуб дарк кардаанд, ки истеъмоли асал барои фаъолияти организм муфид буда, тавони онро барқарор месозад, ба он қувват мебахшад, вазъи руҳии инсонро болида гардонида, масунияти баданро баланд мебардорад. Аммо, гарчанде ҷиҳати аз нуқтаи назари илмӣ ба роҳ мондани рушди соҳаи занбӯриасалпарварӣ дар ҷумҳурии мо ва дигар мамлакатҳои дунё вобаста ба хосиятҳои табобатию ғизоии он ва тарзи кору фаъолияти дастаҷамъонаи оилаи занбӯри асал якчанд таҳқиқотҳои таҷрибавию биологӣ гузаронида шуда, барои ба занбӯрпарварон ёрии тахассусӣ расонидан чанде дастурҳои тавсиявию методӣ ба нашр расонида шуда бошанд ҳам, мутаассифона, дар пояи илмӣ, бо истифода аз усулҳои амсиласозии математикию компютерӣ ба роҳ мондани раванди ҷамъоварии гарду шаҳди гул аз тарафи занбӯрони корӣ ва дар канду (қуттӣ) ба асал табдил додани онҳо

ҳанӯз таҳқиқотҳои кофӣ анҷом дода нашудаанд. Аз ин рӯ, Саидзода *И.М.* бо иродаи худ тасмим гирифт, ки дар ин самти рӯзмарра ва ба талаботи муосири ҳукумати ҷумҳурӣ хеле мувофиқ роҷеъ ба таъмини амнияти озуқаворӣи мамлакат саҳми арзандаи худро гузорад.

Таҳқиқоти диссертатсионии Саидзода И.М. фарогири маҷмуи васеи барномаҳо ва мавзуъҳои илмии марбут ба самтҳои рушди минбаъдаи усулҳои амсиласозии математикӣ ва компютерӣ, пажуҳиш ва арзёбии устувории вазъи биологииии экосистемаҳо ва ёфтани ҳалли оптималии масъалаҳои соҳаи кишоварзӣ мебошад, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шудаанд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз бахшҳои «Муқаддима», «Тавсифи умумии таҳқиқот», панҷ боб бо зербобҳо, бахши «Хулосаҳо» бо зербобҳои «Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия» ва «Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо», «Адабиёт» бо зербобҳои «Феҳристи сарчашмаҳои истифодашуда» ва «Феҳристи интишороти илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ» ва бахши «Замимаҳо» иборат мебошад.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамияти мавзуи таҳқиқотӣ, ҷанбаҳои методологӣ, дараҷаи таҳқиқ ва робитаи мавзуъ бо барномаҳои давлатӣ, мақсад, вазифаҳо, объект, пойгоҳ, ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот, навгониҳои илмӣ ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, инчунин, мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисос, интишорот аз рӯйи мавзуъ, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия дарҷ гардидаанд.

*Боби якуми* таҳқиқоти диссертатсионӣ ба шарҳи адабиёти соҳавӣ ва илмӣ оид ба фаъолият ва рушди оилаи занбӯри асал ва масъалаҳои амсиласозии он бахшида шудааст. Дар он таҳлили ҷанбаҳои биологӣ, физиологӣ, физикӣ ва таъсири омилҳои беруна ба фаъолияти оилаи занбӯри асал гузаронида шуда, масъалаҳои амсиласозии аллакай ҳалшуда ва ҳанӯз ҳалношудаи фаъолияти оилаи занбӯр мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

*Боби дуюми* диссертатсия ба таҳқиқи ҷанбаҳои биологӣ ва экологии парвариши занбӯри асал бахшида шуда, се бахши таҳлилиро дар бар гирифтааст. Дар он қайд гардидааст, ки масъалаи парвариши занбӯри асал ва рушд додани соҳаи занбӯрпаварӣ ба гурӯҳи масъалаҳое дохил мешавад, ки ҳалли он имрӯз барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам аз ҷиҳати иқтисодӣ ва ҳам аз ҷиҳати экологӣ аҳаммияти фавқулода афзалиятнок дорад. Зеро занбӯрпарварӣ натанҳо барои истеҳсоли асал, балки барои коркарди мум ва захри занбӯр ва инчунин гардолудкунии растаниҳои муҳити атроф низ нақши муҳим мебозад.

*Боби сеюми* диссертатсия боби асосии таҳқиқот ба ҳисоб рафта, аз чор бахши таҳқиқотию таҳлилӣ иборат мебошад. Дар ин боб технологияи муосир ва мукаммали амсиласозии фаъолияти оилаи занбӯри асал вобаста ба гузаришҳои марҳилавии ҳаёти занбӯр ва хусусиятҳои ҷинсию гурӯҳии тақсимоти меҳнат дар байни аъзои оилаи он рӯйи кор омадааст.

*Боби чоруми* диссертатсия ба амсиласозии таъсири бемориҳо ва зараррасонҳо ба фаъолияти оилаи занбӯри асал бахшида шуда, аз се бахши таҳлилӣ иборат аст. Дар он аз ҷумла қайд гардидааст, ки бо пешрафт ва рушди илми муосири компютерӣ рӯз то рӯз имконияти коркарди усулҳо ва равишҳои нави амсиласозӣ барои тасвир ва таҳқиқи равандҳои гуногуни табиӣ, техникӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ бештар гашта, ҳамзамон, талабот нисбат ба татбиқи онҳо дар истеҳсолот ва дигар ҷабҳаҳои ҳаёт зиёд гашта истодааст. Махсусан бо истифода аз амсилаҳои компютерӣ, ки бар пояи технологияҳои иттилоотӣ сохта мешаванд, равандҳои истеҳсолиро тарҳрезӣ, барномасозӣ, таҳқиқ ва таҳлил кардан ва дурнамои вазъи рушди онҳоро аз нуқтаи назари илмӣ арзёбӣ кардан имконпазир гаштааст.

*Боби панҷуми* таҳқиқот, ки боби ҷамъбастии диссертатсия ба ҳисоб меравад, ба амсиласозии таъсири омилҳои табиӣ ва антропогенӣ ба фаъолияти оилаи занбӯри асал бахшида шуда, таҳлили ҳамаҷонибаи натиҷаҳои компютерии бадастомадаро оид ба паҳлуҳои гуногуни фаъолияти оилаи занбӯри асал фаро гирифтааст.

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ дар намуди умумӣ амсилаи гипотетикии низоми парвариши занбӯри асал таҳия гардидааст, ки дар он тамоми вобастагиҳои асосии фаъолияти оилаи занбӯри асал аз омилҳои табиӣ ва антропогенӣ инъикоси худро ёфтаанд.

Раванди ҷамъоварии шаҳд ва гарди гул аз ҷониби занбӯрони корӣ ба шакли формулаҳои математикӣ дароварда шуда, дар заминаи маълумотҳои эксперименталӣ функсияҳои эмпирикии идоракунии раванди таъмини ғизои иловагӣ сохта шуда, бар пояи онҳо амсилаҳои математикии рушд ва фаъолияти индивидҳои оилаи занбӯри асал рӯи кор омадаанд.

Дар шакли комплекси барномаҳои компютерӣ аввалин маротиба афзори мукаммали таҳқиқотӣ сохта шудааст, ки бо ёрии он марҳилаҳои ҳаётии оилаи занбӯри асал, таъсири омилҳои биотикӣ, абиотикӣ ва антропогениро ба фаъолияти оила ва маҳсулнокии он мавриди омӯзиш, таҳқиқ, таҳлил, идора ваояндабинӣ қарор додан мумкин аст.

Бо ёрии афзори таҳқиқотии таҳияшуда ва ҷалби маълумоти таҷрибавии аз хоҷагиҳои занбӯриасалпарварии минтақаҳои гуногуни кишвар дастрасшуда озмоишҳои амсилавӣ гузаронида шуда, дар заминаи онҳо маҳсулнокии оилаҳои занбӯри асал арзёбӣ карда шудааст.

Таҳлили натиҷаҳои амсилавии бадастомада, озмоишҳои сенариявӣ ва қиёси онҳо бо маълумоти таҷрибавӣ собит сохтанд, ки амсилаи компютерии таҳияшударо ҳамчун афзори тақлидӣ ва идоракунӣ барои арзёбии фаъолияти оилаҳои занбӯри асал дар шароити иқлими Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои ҳамсоя истифода бурдан мумкин аст.

Муаллиф дар раванди омӯзиши масъалаҳои таҳқиқот, гирдоварии адабиёт ва маводи корӣ, озмоишгузрониҳои компютерӣ, таҳлили натиҷаҳои

ҳосилшуда, навиштани мақолаҳои илмӣ, иштирок ва маърӯзакунӣ дар семинару конференсияҳои илмӣ-амалии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, дохилидонишгоҳӣ ва инчунин таҳияи диссертатсия худро ҳамчун донандаи хуби ҷабҳаҳои гуногуни илмҳои информатика, математика, технологияҳои иттилоотӣ, биология ва экология муаррифӣ карда, вазифаҳои аз тарафи мушовири илмӣ, кафедра, факултет ва донишгоҳ супоридашударо сари вақт ва бо сифати баланд иҷро карда, аз рӯйи соҳаи таҳқиқот дорои сифатҳои мутахассиси ташаккулёфта ва соҳиби маърифату фарҳанги баланд будани худро намоиш додааст.

Теъдоди умумии интишороти довталаб дар давоми фаъолияти корӣ зиёда аз 180 номгӯйро ( 3 монография, 3 китоби дарсӣ, 9 васоити таълимию дастури методӣ, мақолаҳои илмӣ ва маводи конференсияҳо) ташкил медиҳад. Нуктаҳои асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 44 мақолаи илмӣ ва дигар интишорот, аз ҷумла 1-адад монография, 26-адад мақолаи илмӣ, аз ҷумла 20 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА Ҷумҳурии Тоҷикистон (10 мақола дар алоҳидагӣ) ба нашр расонида шуда, боқимондаро мақолаҳои дар нашрияҳои хориҷӣ ва маводи конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ ташкил додаанд. Инчунин, таҳқиқоти диссертатсионӣ дорои чор санади татбиқӣ ва шаҳодатномаи ҳуқуқи муаллифӣ оид ба барномаи компютерии «Баҳодиҳии фаъолияти занбӯри асал вобаста ба таъсири бемориҳо ва зараррасонҳо», ки дар Вазорати фарҳанги ҶТ таҳти № 165 аз 11.07.2023 ба қайд гирифта шудааст, мебошад. Натиҷаҳои илмии мазкур аз тарафи мутахассисони пешбари соҳа баҳои баланд гирифта, бо эътимоди кофӣ муҳтавои таҳқиқоти гузаронидашуда ва дарунмояи асосии диссертатсияро инъикос мекунанд.

Ҳисоб мекунам, ки таҳқиқоти диссертатсионии И.М. Саидзода кори баитмомрасидаи мукаммали илмӣ-тахассусӣ аст, аз ҷониби муаллиф ба пуррагӣ мустақилона ва дар сатҳи баланди илмӣ анҷом дода шудааст. Муаллиф дорои сифатҳои баланди касбӣ буда, метавонад аз рӯйи соҳаи таҳқиқоти илмии худ масъалаҳои илмӣ-таҳлилӣ гузорад, онҳоро ҳал намояд ва ба тарбияи кадрҳои илмӣ машғул шавад. Дар маҷмӯъ И.М. Саидзодаро метавон ҳамчун корманди илмӣ-педагогии комилан ташаккулёфта ва ба дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои физикаю математика сазоворбуда тавсиф кард.

Таҳқиқоти анҷомдодаи И.М. Саидзода ба ҳадафҳои стратегии мамлакат роҷеъ ба мувофиқ гардонидани натиҷаҳои илмҳои бунёдӣ, дақиқ, техникӣ ва экспериментали, ки дар паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии мамлакат мавриди таваҷҷуҳи махсус қарор гирифтаанд, хеле

созгор мебошанд ва дар доираи амалисозии «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф», «Барномаи ҳукумати электронӣ» ва «Рушди иқтисодиёти рақамӣ ва инноватсия» тарҳрезӣ гаштааст.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи И.М. Саидзода дар мавзуи «Амсиласозии математикии марҳилаҳои ҳаёт ва таҳқиқи компютерии динамикаи солонаи популятсияи оилаи занбӯри асал» таҳқиқоти илмӣ-тахассусии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, ба тамоми талабот ва меъёрҳои «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2021, №3) ҷавобгӯ буда, онро барои сазовор гардидан ба дараҷаи илмии доктори илмҳои физикаю математика аз рӯйи ихтисоси 05.13.18 – «Амсиласозии математикӣ, усулҳои ададӣ ва комплекси барномаҳо» ба ҳимоя пешниҳод намудан мумкин аст.

Доктори илмҳои физикаю математика,
профессори кафедраи информатикаи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон — Ф.С. Комилиён

Суроға: 734025, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 17,
тел. (+992) 988685014, mail: komfaiz@mail.ru

Тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ ДМТ — Э. Тавқиев

28.05.25